# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)**

Воридшавии тағйирот дар низоми таҳсилот ба асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар таълими фанни химия яке аз мавзӯҳои актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Уроқов М.Д. оид ба зарурати ворид намудани тағйирот дар таълимро баён намуда, қайд менамояд, ки методҳои таълим ва тарбияи анънавӣ ва ғайрианъанавӣ талабот ба омодагии таҳсилот мебошад, ки бо маҷмӯи самтгирӣ, дониш, маҳорат, малака, таҷрибаи ба ҳам алоқаманд, мӯҳтавои хонандагон нисбат ба доираи муайяни объектҳои воқеияти реалӣ, ки барои амалигардонии фаъолияти пурмаҳсули дорои аҳамияти шахсиятӣ ва иҷтимоӣ заруранд, ифода меёбад.

Дар автореферат тавсифи умумӣ ва мубрамияти мавзӯи интихобгардида, дараҷаи коркарди илмии проблема, объект, ҳадаф, вазифа ва фарзия, ғояи пешбар, сарчашмаҳо, навгонии илмӣ, арзишҳои назариявию амалӣ ва пойгоҳи таҷрибавию озмоишии таҳқиқот, инчунин марҳилаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳое, ки барои дифоъ пешниҳод мегарданд, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Ба сифати пойгоҳи таҷрибавию озмоиши таҳқиқот гурӯҳи озмоишӣ литсейи №1 ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №6-7 ноҳияи Муъминобод интихоб карда шуда, дар солҳои гуногун бо намудҳои мухталифи озмоиш ва кори таҷрибавию таҳқиқотӣ бо ҷалби беш аз 87 хонанда

гузаронида шуда, ба таври муфассал оид ба натиҷаҳои озмоиши гузаронидашуда дар автореферати диссертатсия оварда шудааст.

Бояд гуфт, ки мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Уроқов М.Д. дар зиёда аз 9 номгӯи корҳои илмӣ инъикос шуда, аз ҷумла дар 5 маҷалаи аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва бо ҳаммуаллифи ду дастури таълимӣ аз фанни химия ба табъ расонидааст.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки таҳқиқотҳое, ки аз тарафи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович ба иҷро расонидааст, аз нигоҳҳои назариявию амалӣ таҳқиқоти зарурӣ ба ҳисоб рафта, дар оянда барои рушди илмҳои педагогикаи муосир зарур мебошад.

Бояд гуфт, ки диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович таҳти унвони «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯй ба талаботҳои Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти унвони номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) арзанда ҳисобида мешавад.

Н.и.х., дотсент, мудири
кафедраи усули таълими химияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонова М.З.

Имзои Қурбонова М.З.-ро тасдиқ мекунам
Сардори ИК ва КМ-и ДМТ Тавқиев Э. Ш.

«15» 10 2021